# 103430 - Ҳукми қабул намудани тӯҳфаҳои мушрикон

**савол**

Масҷиде дар назди мо сохта шуда истодааст ва дар атрофи он насрониҳо зиндагонӣ мекунанд. Агар онҳо бихоҳанд, ки барои сохтмони масҷид бо мол кӯмак кунанд, оё бар мусулмонон ҷоиз аст, ки аз онҳо пул бигиранд?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

"Агар дар ин чиз шарте гузошта шавад, ки мухолифи Шариат бошад, пас дар ин ҳолат (қабул намудани пули онҳо) ҷоиз нест. Аммо агар эҳсонкории холисона (ва бидуни шарту иваз) бошад, ҳеҷ боке надорад. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) бисёр вақт тӯҳфаҳои мушриконро мепазируфт". Поёни сухан.
"Маҷмуъу фатово"-и Шайх Ибни Боз (28/237).